# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ)

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002 аз 20.11.2024 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: Ибодов Маҳмадулло Орифович, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, раиси комиссияи экспертӣ, Саидзода Бахрулло Хол, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050300-Равоншиносӣ, муаллими калони кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви комиссия, Шарипов Анвар Абдурасулович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви комиссия.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар шароити кунунӣ мубрам буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия мутобиқи талаботи низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 25.06.2024, суратҷаласаи №5 муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33 ва 53–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 202,1 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович: 13 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расида мебошад, ки аз ин миқдор 6–тояшро маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7–тои боқимондаашро маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот** -аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтан ва ба таври амалӣ муайян намудани хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии методологии муқаррароти ибтидоии кори илмӣ, истифодаи усулҳое, ки ба объект, предмет, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мутобиқанд, айнан такроршавии натиҷаҳо ва аёнияти маълумотҳои ҳосилшуда, таҳлили

миқдорӣ ва сифатии онҳо, мутобиқати натиҷаҳои ҳосилшуда ба фарзияи таҳқиқот таъмин шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– дар илми психологияи тоҷик бори аввал дар доираи раванди таълим маҷмуи нуктаҳои ибтидоии асосҳои психологию педагогии ташаккули малакаҳои муошırати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

– тартибу меъёрҳои хусусиятҳои психологӣ ва педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон дар ҷараёни таълим мушаххасан муайян карда шуд.

– меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар карда шуд.

– усул ва роҳҳои истифодаи методҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим тариқи ташхиси экспериментали санҷида ва исбот гардид.

– дар асоси таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоишӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳияву коркард шуданд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Раванди таълимии синфҳои ибтидоӣ ҳамчун муҳити мусоид барои азхудкунии малакаҳои муошират бо дигарон ва азхудкунии шаклҳои гуногуни муошират чи шифоҳӣ ва ҳам ғайривербалӣ ба ҳисоб меравад. Натичаи ин аст, ки кӯдаки синни хурди мактабӣ ҳамчун субъекти мукаммал тадриҷан ташаккул ёфта, минбаъд барои ба муҳити иҷтимоии нав ва нисбатан мураккаб мутобиқ шудан, махсусан дар байни ҳамсолон бомуваффақият омода мешавад.

2.Малакаҳои муошират ва хусусиятҳои психологӣ-педагогии рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро дар раванди таълим бо ёрии бозиҳои дидактикӣ инкишоф додан лозим аст, зеро ин шакли фаъолият метавонад фикррониро фаъол, нутқро сайқал ва захираи луғавии ин гурӯҳи бачагонро бой гардонида, онҳоро водор созад, ки маҳз ба ин васила дар ҷараёни таълим ба ҳамдигар меҳрубон ва ба талабу хоҳишҳои дигарон диққат диҳанд.

3.Дар доираи раванди таълим, ки ба рушди малакаҳои муошırати хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, зарур аст, ки равишҳои психологӣ истифода шаванд, ки хусусиятҳои синну солии кӯдакони аз 7 то 10-соларо ба назар мегиранд. Ин равишҳо бояд дастрас бошанд ва ба дарки онҳо мувофиқ бошанд ва рушди бомуваффақияти қобилиятҳои коммуникатсионӣ дар марҳилаҳои ибтидоии омӯзишро таъмин кунанд.

4.Дараҷаи муайянгардидаи инкишофи малакаҳои муошírати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим барои интихоби шакли таҳқиқот ва методикаҳое имконият медиҳад, ки бо ёрии онҳо ташкили корҳои ислоҳии малакаҳои алоҳида дар инкишофи самараноки маҳорати муошират ба роҳ монда шавад.

5.Ҳангоми дуруст истифода бурдани шароитҳои психологӣ ва педагогӣ дар ҷараёни таълими хонандагони синни хурди мактабӣ инкишофи малакаҳои муошират самараноку натиҷабахш хоҳанд гардид.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошírати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

Банди 1. Психологияи хонандагони зинаҳои гуногуни таълим (томактабӣ, мактабӣ, донишгоҳӣ), инкишофи шахсият ва равонии онҳо.;

Банди 6. Психологияи фаъолияти педагогӣ, қонунҳои психологӣ, омилҳо ва шароити ташаккул ва инкишофи он;

Банди 11. Соҳаҳои психологияи педагогӣ, механизм, хусусиятҳо ва шароити самаранокӣ дар раванди таълим;

Банди 18. Масъалаҳои психологии муошират ва иртибот дар раванди таълим;

Банди 25. Назарияҳо ва консепсияҳои асосии инкишофи фаъолияти таълимӣ дар психологияи педагогӣ.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ барои ҳимоя ошкор гардидааст, ки аз саҳми шахсии муҳаққиқ дар илми психология шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи Шурои диссертатсиониро ба ҳисоб гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович чунин тавсия медиҳад:

а) диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошírати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002 – и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода интихоб карда шавад;

в) ба сифати муқарризони расмӣ: Бобоева Сайёра Бобораҷабовна, доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”; Амонов Нодир Қодирович, номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муайян карда шаванд;

г) барои дар Шуро муайян кардани вақти ҳимоя, ҷойгир кардани эълон, паҳн кардани автореферат, дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор: Ибодов М.О.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯи ихтисоси
6D050300-Равоншиносӣ Саидзода Б.Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Шарипов А.А.

*"Имзоҳои М.О. Ибодов, Б.Х. Саидзода ва А.А. Шариповро тасдиқ менамоям".*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

10.12.2024